# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонкул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир нақш ва аҳамияти хизматрасонии нақлиётӣ, мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардонии ҳайати кормандонро дар бар гирифта, барои ҳалли муаммову мушкилоти ҷойдошта истифодаи механизмҳои навоваронаи такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандонро бар мегирад. Дар ин радиф ҳангоми амали намудани хизматрасониҳои нақлиётӣ на ҳама паҳлуҳои масоили такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ бо назардошти мушкилоти мавҷуда пурра омӯхта нашудаанд ва аз ин рӯ мубраммияти мавзӯи таҳқиқоти илмии Ҳусензода А.Р. аз аҳамият холӣ нест.

Аз арзёбии таҳқиқоти илмии мазкур бар меяд, ки самти таҳқиқот ба бандҳои мухталифи Шиносномаи ихтисоси илмии 08.00.12 – “Иқтисодиёти меҳнат” мувофиқат мекунад.

Дар рисола аз нигоҳи назариявию методӣ омӯхтан ва тавзеҳи моҳияту мафҳуми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба роҳ мондашуда, ба арзёбии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ диққати асосӣ дода шудааст.

Бо истифода аз манбаҳои мухталифи оморӣ таҳлили вазъи кунунӣ ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, арзёбӣ намудани низоми мавҷудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба сомон расонида шудааст.

Дар сатҳи зарурӣ дар рисола таҳқиқ ва арзёбии музди меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандон гузаронида шуда, муайян намудани муқаррароти консептуалӣ ва алоқамандии самаранокии меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дида баромада шудааст.

Ҷойи махсус дар рисолаи ба анҷомдода шуда ба истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, инчунин, пешниҳоди самтҳои асосии ҳавасмандгардонии меҳнат ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани ин низом сурат гирифтааст.

Новобаста ба натиҷаҳои назарраси назариявӣ, методӣ ва амалӣ, дар автореферат баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат ба арзёбии таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ диққати махсус дода шудааст. Мутаасифона пешниҳодҳо нисбати истифодаи ин таҷриба дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Тоҷикистон сурат нагирифтааст.
2. Инчунин, дар автореферат на ҳамаи паҳлуҳои мукаммалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнатӣ кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дида баромада шудааст.

Эродҳои гирифташуда, ба дараҷаи илмию назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд ва хислати тавсиявӣ доранд.

Автореферат ва интишороти муаллиф таркиби диссертатсияро пурра дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ диссертатсия таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмию амалӣ маҳсуб ёфта ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – “Иқтисодиёти меҳнат” ҷавобгӯ буда, муаллифи он А.Р. Ҳусензода сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсент, декани факултети
молиявию иқтисодии
ДДБ ба номи Носири Хусрав. Холназаров М.Х.

Суроға: 735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел: (+992) 935-11-77-37
E-mail: kholnazarov2025@mail.ru

Имзои Холназаров М.Х.–ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва КМ-и
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС